Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, бинои таълимии "В")

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи иқтисодӣ)**

## 1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ иқтисодиёти донишбунёд ҳамчун омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, таъмини рушди устувор ва гузариш ба марҳилаи нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ аҳаммияти хосса пайдо намудааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки сатҳи рушди иқтисодӣ бештар ба иқтидори илмӣ, технологӣ, инноватсионӣ ва сармояи инсонӣ вобаста гардида, дониш ба захираи муҳими истеҳсолӣ ва манбаи асосии афзоиши арзиши иловагӣ табдил ёфтааст.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишварро амалӣ менамояд, ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд яке аз шартҳои муҳими таъмини рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд нақши илм, маориф, технологияҳои муосир, фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт беш аз пеш меафзояд. Бе истифодаи самараноки дониш ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ноил гардидан ба ҳадафҳои саноатикунонии

босуръат ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мушкил мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқоти анҷомдодаи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд бахшида шуда, ба самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат мутобиқат менамояд. Дар таҳқиқот масъалаҳои марбут ба ташаккули заминаҳои институтсионалӣ, рушди иқтидори илмӣ-техникӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани нақши дониш дар рушди иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Мубрамияти таҳқиқот инчунин аз он бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба ташаккули иқтисодиёти донишбунёд ҳанӯз ҳам ба таҳқиқоти амиқи илмӣ ва таҳияи механизмҳои самараноки татбиқи онҳо ниёз доранд. Дар ин замина, муайян намудани роҳҳои такмили сиёсати давлатӣ ҷиҳати рушди сармояи инсонӣ, густариши фаъолияти инноватсионӣ, таҳкими робитаи илм, маориф ва истеҳсолот аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Интихоби мавзуи мазкур бо ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, саноатикунонии босуръати кишвар, рушди иқтисоди рақамӣ ва ташаккули ҷомеаи донишбунёд мувофиқ буда, аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ гардида, метавонад барои таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалии рушди иқтисодиёти донишбунёд дар кишвар мусоидат намояд.

## 2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд

Дар раванди ҳалли масъалаҳои илмии гузошташуда муаллиф Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич омӯзиши ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом

додааст. Таҳқиқоти анҷомдодашуда имконият фароҳам овардааст, ки натиҷаҳои муҳими илмӣ оид ба муайян намудани нақши дониш, инноватсия, сармояи инсонӣ ва технологияҳои муосир дар рушди иқтисоди миллӣ ба даст оварда шаванд.

Ҳалли масъалаҳои таҳқиқшуда ба муаллиф имкон додааст, ки пешниҳодҳои илмӣ ва амалии худро вобаста ба такмили механизмҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд, баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори илмӣ-технологӣ ва рушди фаъолияти инноватсионӣ асоснок намояд. Пешниҳодҳои илмии муаллиф хусусияти амалӣ дошта, метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, бахусус дар самти саноатикунонии босуръат ва рушди иқтисоди рақамӣ истифода шаванд.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ бо истифодаи маълумотҳои оморӣ, таҳлилҳои иқтисодӣ ва омӯзиши таҷрибаи ватаниву хориҷӣ таъмин гардидааст. Муаллиф маълумотҳои марбут ба рушди сармояи инсонӣ, фаъолияти инноватсионӣ, рушди илм ва технология, инчунин нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиро ҷамъоварӣ, муқоиса ва таҳлил намуда, дар заминаи онҳо хулосаҳои илмӣ пешниҳод кардааст.

Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф аз осори классикӣ ва муосири олимони ватаниву хориҷӣ оид ба назарияи иқтисодиёти донишбунёд, рушди инноватсионӣ, иқтисоди рақамӣ ва сармояи инсонӣ ба таври эҷодкорона истифода бурдааст. Дар ҷараёни таҳқиқот аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, системавӣ, индуксия ва дедуксия, таҳлил ва синтез, гурӯҳбандӣ, инчунин аз усулҳои графикӣ ва ҷадвалӣ самаранок истифода шудааст.

Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти иқтисодиёти донишбунёд, рушди инноватсионӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт ташкил медиҳанд. Ба сифати манбаи иттилоотӣ

санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор, инчунин ҳисоботҳо ва маводи таҳлилии ташкилотҳои байналмилалӣ истифода гардидаанд.

Дар ҷараёни шиносоӣ бо диссертатсия маълум гардид, ки Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дорои дониши амиқи назариявӣ, маҳорати хуби таҳлилӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ мебошад. Ӯ мустақилона маълумотҳои зарурииро ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намуда, дар заминаи онҳо хулосаҳо ва тавсияҳои асосноки илмиро пешниҳод кардааст. Диссертатсия бо фарогирии масъалаҳои муҳими рушди иқтисодиёти донишбунёд, истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада фарқ намуда, аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф шаҳодат медиҳад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Унсурҳои навоварии илмии диссертатсияи мазкур бо тарзи мантиқӣ ва пай дар пай самтҳои асосии амалисозии ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Дар доираи таҳқиқоти анҷомдодашуда муаллиф ҷанбаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди иқтисодиёти донишбунёдро дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, пешниҳодҳои илмии худро асоснок кардааст. Ба андешаи мо, муҳимтарин натиҷаҳои навоварии илмии диссертатсияро метавон чунин арзёбӣ намуд:

- дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти назарияҳои иқтисодии ватаниву хориҷӣ моҳият, хусусиятҳо ва нақши иқтисодиёти донишбунёд дар рушди иқтисоди миллӣ мушаххас гардида, таърифи мукаммали илмии мафҳуми «иқтисодиёти донишбунёд» пешниҳод шудааст. Муаллиф онро ҳамчун низоми иқтисодие шарҳ медиҳад, ки дар он дониш, иттилоот, технология, инноватсия ва сармояи инсонӣ ҳамчун омилҳои асосии истеҳсолот ва рушди устувори иқтисодӣ баромад менамоянд.

- омилҳои асосии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва гурӯҳбандӣ гардидаанд. Ба ин омилҳо рушди сармояи инсонӣ, сатҳи дастрасӣ ба технологияҳои муосир, фаъолияти инноватсионӣ, рушди низоми маориф ва илм, рақамикунонии иқтисодиёт ва такмили муҳити институтсионалӣ дохил мешаванд. Дар асоси таҳлил таъсири ҳар як омил ба раванди саноатикунонии кишвар арзёбӣ шудааст.

- вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо ҳадафҳои саноатикунонии босуръат таҳлил гардида, мушкилот ва маҳдудиятҳои асосии рушди он муайян карда шудаанд. Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ оид ба рушди илм, технология, инноватсия ва сармояи инсонӣ пешниҳод гардидаанд.

- механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, модели ҳамгироии илм, маориф, истеҳсолот ва бахши инноватсионӣ пешниҳод шудааст. Татбиқи ин механизм метавонад ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, суръат бахшидани раванди саноатикунонӣ, рушди истеҳсолоти баландтехнологӣ ва ташаккули иқтисодиёти муосири донишбунёд мусоидат намояд.

## 4. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Тасдиқ менамоем, ки диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи иқтисодӣ), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст.

Мавзуъ ва натиҷаҳои илмии бадастомада пурра ба доираи масъалаҳои назарияи иқтисодӣ мутобиқат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва

амалии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мегиранд. Таҳқиқот ба масъалаҳои баланд бардоштани нақши дониш, сармояи инсонӣ, илм, технология ва инноватсия дар рушди иқтисоди миллӣ бахшида шуда, бо афзалиятҳои стратегии сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иртиботи бевосита дорад.

Навгонӣ ва натиҷаҳои илмии диссертатсия ба самтҳои асосии шиносномаи ихтисоси мазкур мувофиқат намуда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба рушди иқтисодиёти донишбунёд, такмили сиёсати инноватсионӣ, рушди сармояи инсонӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва суръатбахшии раванди саноатикунонии кишвар мавриди истифода қарор гиранд.

## 5. Сохтор, мундариҷаи диссертатсия ва сатҳи асоснокунии дастовардҳои илмӣ

Сохтори диссертатсия, гузориши мақсад ва мантиқи пайвастагии қисмҳои он гувоҳӣ медиҳанд, ки муаллиф масъалаҳои гузошташударо амиқ дарк намуда, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти мукаммали илмӣ анҷом додааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқот иборат мебошад. Сохтори кор бо мантиқи илмии таҳқиқот мувофиқат намуда, масъалаҳои назариявӣ, таҳлилӣ ва амалии мавзуъро пайдарпай фаро мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқ, заминаҳои

назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми** диссертатсия таҳти унвони «Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти саноатикунонии босуръат» (саҳ.16-67) асосҳои назариявии иқтисодиёти донишбунёд мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф моҳият ва мазмуни иқтисодиёти донишбунёдро дар асоси таҳлили назарияҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ баррасӣ намуда, принсипҳои ташаккул ва нишондиҳандаҳои рушди онро муайян кардааст. Ҳамзамон таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд таҳлил гардида, имкониятҳои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ шудаанд.

Маводи боби мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф тавонистааст масъалаҳои назариявии иқтисодиёти донишбунёдро бо диди илмӣ таҳлил намуда, нақши дониш, инноватсия, технология ва сармояи инсониро ҳамчун омилҳои асосии рушди иқтисоди муосир асоснок намояд. Хулосаҳои пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ буда, барои таҳқиқоти минбаъда заминаи мусоид фароҳам меоранд.

**Дар боби дуюми** диссертатсия таҳти унвони «Вазъи муосир ва тамоюли ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Тоҷикистон» (саҳ.68-115) вазъи воқеии рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёдро арзёбӣ намуда, заминаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологиро таҳлил кардааст.

Ҷолиби диққат аст, ки дар зербоби 2.3 муаллиф моделсозии регрессионии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом додааст. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки рушди сармояи инсонӣ, фаъолияти инноватсионӣ, рушди илм ва технология ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ таъсири мусбат

мерасонанд. Ин қисми тадқиқот аз ҷиҳати методологӣ арзишманд буда, робитаи байни рушди дониш ва рушди иқтисодиро бо далелҳои иқтисодию оморӣ асоснок менамояд.

**Дар боби сеюми** диссертатсия таҳти унвони «Самтҳои асосии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (саҳ.116-158) роҳҳои асосии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд, механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди он ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ пешниҳод шудаанд.

Муаллиф бо такя ба натиҷаҳои таҳлилҳои назариявӣ ва амалии худ зарурати рушди илм, маориф, технологияҳои рақамӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва ҳамгироии илм бо истеҳсолотро асоснок менамояд. Пешниҳодҳои ӯ ба баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, рушди истеҳсолоти баландтехнологӣ ва суръат бахшидани раванди саноатикунонии босуръати кишвар равона гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, боби сеюм аҳаммияти баланди амалиро доро буда, тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба рушди иқтисодиёти донишбунёд ва иқтисоди рақамӣ истифода шаванд.

**Дар хулосаи** диссертатсия натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, муҳимтарин хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд.

## 6. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, мазмун ва муҳтавои онҳо пурра аз натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлил ва арзёбии масъалаҳои марбут ба ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд. Муаллиф бо такя ба дастовардҳои илмии иқтисоди муосир,

назарияҳои иқтисодиёти донишбунёд, рушди инноватсионӣ ва сармояи инсонӣ, инчунин бо истифода аз маълумоти оморӣ ва маводи таҳлилии дахлдор тавонистааст хулосаҳои асоснок ва тавсияҳои арзишманди илмӣ-амалиро пешниҳод намояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз истифодаи дурусти усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ, моделсозии иқтисодӣ-математикӣ ва арзёбии нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиёти донишбунёд шаҳодат медиҳад. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ба маълумотҳои расмии оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ такя намудааст.

Маълумот ва нишондиҳандаҳои истифодашуда бо сарчашмаҳои боэътимоди оморӣ ва таҳлилӣ тасдиқ гардида, барои муайян намудани тамоюлҳои рушди иқтисодиёти донишбунёд, арзёбии нақши сармояи инсонӣ, илм, технология ва инноватсия дар рушди иқтисоди миллӣ заминаи воқеӣ фароҳам овардаанд. Ин ҳолат имкон додааст, ки хулосаҳои илмии пешниҳодшуда дорои асоснокии назариявӣ ва аҳаммияти амалӣ бошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки иқтисодиёти донишбунёд дар шароити муосир ба яке аз омилҳои муҳимтарини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Муаллиф асоснок намудааст, ки рушди сармояи инсонӣ, густариши фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, татбиқи технологияҳои нав, рақамикунонии иқтисодиёт ва таҳкими муҳити институтсионалӣ метавонанд барои суръат бахшидани раванди саноатикунонии кишвар ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ мусоидат намоянд.

Тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба рушди иқтисодиёти донишбунёд, такмили сиёсати инноватсионӣ, рушди сармояи инсонӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва амалисозии ҳадафҳои саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор

гиранд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, сохторҳои таҳсилоти олӣ ва дигар субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ низ аҳаммияти муҳим доранд.

**7. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти анҷомдодашуда дорои аҳаммияти назарраси илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф бо далелҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҳлилҳои иқтисодӣ асоснок гардида, метавонанд ҳамчун заминаи илмии рушди иқтисодиёти донишбунёд ва такмили сиёсати давлатии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун, сохтор ва асоснокии илмӣ ба талаботи корҳои илмии муосир ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявию методологӣ мебошанд. Муқаррароти илмии пешниҳодшуда метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои иқтисодиёти донишбунёд, рушди инноватсионӣ, иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии иқтисоди миллӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли маърӯзаҳо ва гузоришҳои илмӣ дар конференсияҳо, семинарҳо ва ҳамоишҳои илмӣ-амалӣ муҳокима гардида, аз ҷониби мутахассисон ва муҳаққиқон баҳои мусбат гирифтаанд, ки ин аз аҳаммият ва мубрамияти масъалаи таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.

Баъзе аз муқаррароти муҳимми диссертатсия дорои аҳаммияти таълимӣ буда, метавонанд дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд. Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили мазмун ва муҳтавои фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти инноватсионӣ», «Иқтисоди рақамӣ», «Макроиқтисод», «Иқтисодиёти донишбунёд», «Идоракунии инноватсияҳо», «Сиёсати иқтисодии давлатӣ» ва дигар фанҳои иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълим имконият медиҳад, ки донишҷӯён, магистрантон ва муҳаққиқони ҷавон дониши худро оид ба масъалаҳои рушди иқтисодиёти донишбунёд, нақши дониш ва инноватсия дар рушди иқтисодӣ ва механизмҳои муосири гузариш ба иқтисодиёти ба дониш асосёфта такмил диҳанд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияҳо, барномаҳо ва консепсияҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсати инноватсионӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва амалисозии ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф метавонанд дар фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ, инчунин дигар сохторҳои марбут ба рушди иқтисодиёти донишбунёд мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои касбӣ, тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ, таъсиси ҷойҳои нави кории баландихтисос ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои илмии диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонанд барои рушди иқтисодиёти донишбунёд, такмили сиёсати давлатӣ ва таъмини рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси илмӣ хизмат намоянд.

**8. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Тадқиқоти диссертатсионии Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами рушди иқтисодиёти муосир бахшида шудааст. Бо вуҷуди дастовардҳои

назарраси илмӣ ва хулосаҳои асоснок дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва нуктаҳои такмилталаб низ ба назар мерасанд:

1. Дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои назариявии иқтисодиёти донишбунёд ба таври васеъ баррасӣ гардидаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили муқоисавии назарияҳои муосири иқтисодиёти донишбунёд ва нишон додани мавқеи мустақили илмии муаллиф нисбат ба баъзе равишҳои назариявӣ метавонист боз ҳам муфассалтар пешниҳод гардад.

2. Ҳангоми таҳлили таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд бештар ба таҷрибаи давлатҳои пешрафта таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Ба андешаи мо, омӯзиши амиқтари таҷрибаи кишварҳои рӯ ба рушд ва иқтисодҳои гузариш, ки ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон наздиктаранд, метавонист арзиши амалии тадқиқотро боз ҳам афзоиш диҳад.

3. Дар зербоби 2.3 моделсозии регрессионии таъсири иқтисодиёти донишбунёд ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Бо вуҷуди аҳаммияти илмии натиҷаҳои бадастомада, истифодаи шумораи бештари нишондиҳандаҳои сифатии рушди иқтисодиёти донишбунёд ва баррасии якчанд сенарияи алтернативии рушд метавонист асоснокии таҳлилро боз ҳам тақвият бахшад.

4. Дар боби сеюм механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди иқтисодиёти донишбунёд пешниҳод гардидааст. Бо вуҷуди аҳаммияти назариявӣ ва амалии ин пешниҳод, роҳҳои татбиқи амалии баъзе унсурҳои механизм дар шароити фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва бахши хусусӣ метавонистанд муфассалтар тавзеҳ дода шаванд.

5. Муаллиф ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ, илм ва фаъолияти инноватсионӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Бо вуҷуди ин, пешниҳоди тавсияҳои мушаххастар оид ба такмили ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои илмӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ метавонад аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам баландтар намояд.

Ба ҳар ҳол, эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ

намерасонанд. Диссертатсия таҳқиқоти анҷомёфта ва мустақили илмӣ буда, натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти муҳим барои рушди назарияи иқтисодӣ ва такмили сиёсати давлатии рушди иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**9. Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ**

Таҳлил ва баррасии диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи иқтисодӣ) пешниҳод шудааст, нишон медиҳад, ки таҳқиқоти анҷомдодашуда дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада ба ҳалли масъалаҳои муҳимми рушди иқтисодиёти донишбунёд, такмили заминаҳои институтсионалӣ ва инноватсионии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани нақши дониш дар рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, дар рушди минбаъдаи назарияи иқтисодӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Диссертатсияи пешниҳодшуда бо интихоби дурусти мавзуъ, мубрамияти масъалаҳои таҳқиқшаванда, дараҷаи баланди асоснокии илмӣ, навгонии натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти амалии пешниҳодҳо фарқ мекунад. Дар доираи таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд, нақши сармояи инсонӣ, илм, технология ва фаъолияти инноватсионӣ дар рушди иқтисодӣ, инчунин самтҳои такмили сиёсати давлатӣ дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

Кори диссертатсионӣ дорои сохтори мантиқӣ ва мазмуни мукаммал буда, бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ, маълумотҳои оморӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва моделсозии иқтисодӣ иҷро гардидааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз натиҷаҳои таҳқиқот мантиқан бармеоянд ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим мебошанд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар сохторҳои марбут ба рушди иқтисодиёти донишбунёд мавриди истифода қарор гирифта, барои такмили сиёсати иқтисодӣ, инноватсионӣ ва саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намоянд.

Диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмун, мухтаво, сохтор, навгонии илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада ба талаботи бандҳои 31 ва 33 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи иқтисодӣ) мебошад.

Муқаррizи расмӣ:
н.и.и., муаллими калони кафедраи
иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Садиқова Ш.К.

Имзои Садиқова Ш.К.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон Шодихонзода Э.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел: (+992) 985 39 29 30, 003 99 29 30, E-mail: Shukronas-1985@mail.ru